«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»:
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, доктори илмҳои таърих, профессор Ибодуллозода А. И.
__________ «28» 02 соли 2024

**ТАҚРИЗИ**

муассисаи пешбар ба диссертатсияи Маҳмадализода Бобоҷон Раҳмон «Ҷанбаҳои педагогии ташаккули салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик» аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ

Барои Тоҷикистон ҳамчун ҷумҳурии сермиллат, бахри нигоҳ доштани дӯстию ҳамдигарфаҳмии (консолидатсияи) миллатҳои дар он истиқоматдошта, ташаккул додани маърифати донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар дарсҳои таърихи халқи тоҷик ниҳоят муҳимият пайдо намудааст.

Таълими фанни таърихи халқи тоҷик, дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар шароити муосир, дар ҳолати инкишоф, устуворшавии муносибатҳои байналхалқии давлати мо бо дигар давлатҳо, моҳияти махсусро касб намудааст. Таърихи халқи тоҷик ҳамчун фанни таълимӣ ба таҳсилоти умумии донишҷӯён таъсир расонида, иктидори онҳоро ба донистани асрори олам такон мебахшад.

Омӯзиши таърихи миллат ва давлати хеш, ба донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии Тоҷикистон имкон медиҳад, ки решаҳои пешгузаштагони хеш ва корнамоиҳои онҳоро аз саҳифаҳои таърих фаҳманд, бо таърих, маданият, анъана, расму оини миллати куҳанбунёди хеш шинос гардида, ифтихор ва ғурури онҳо бедор гардад.

Аз ҳама муҳим, дар донишҷӯён ташаккул додани дониши муайян,

истифода бурдани он дар ҳолатҳои зарурӣ, баровардани хулосаҳои мустақилона, ҳалли масъала дар ҳолати ғайрианъанавӣ ва мустақилона пурра гардонидани дониши хеш, ташкил додани фаъолияти андешаронии хеш муҳим мебошад.

Аз ин лиҳоз, мавзуи интихобнамудаи Маҳмадализода Бобоҷон Раҳмон «Ҷанбаҳои педагогии ташаккули салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик» мубрам буда, коркарди чунин мавзуъҳо ба манфиати таълиму тарбияи ҷавонон ва наврасон мебошад. Қайд намудани намудҳои салоҳият дар ҷанбаҳои педагогии ташаккули салоҳияти иттилоотӣ - маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик ва ба таври назариявӣ асоснок намудани махсусияти педагогии ташаккули салоҳиятнокии иттилоотӣ-маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар раванди таълими ин фанн дар таҳқиқи паҳлуҳои методикаи таълими таърих ва ташаккули салоҳияти донишҷӯён ҳамчун замина буда метавонад.

Дар ин радиф муаллиф муайян намудааст, ки дар назарияи педагогика мазмуни махсусияти ташаккули салоҳияти иттилооти - маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик чандон ошкор карда нашудааст. Ба қадри зарурӣ таҳқиқ нагардидани ин мавзуъ ва мавриди омӯзиш қарор гирифтани ҷанбаҳои педагогии ташаккул додани салоҳиятнокии иттилоотӣ - маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик талабот ба миён овардааст, ки он мавриди таҳқиқот қарор гирад.

Дар таҳқиқоти илмӣ муҳаққиқ ақидаҳои педагогии осори адибон, мақола, асар, диссертатсия ва дигар корҳои илмӣ-таҳқиқотии ба таълиму тарбияи донишҷӯён ва ташаккул додани салоҳиятнокии иттилоотӣ-маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи

касбиро зимни таълими фанни таърихи халқи тоҷик мавриди таҳлилу омӯзиш қарор додааст.

Ғайр аз ин, тавассути таҳлили назариявӣ ва амалии проблемаи ташаккул додани салоҳиятнокии иттилоотӣ донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ меъёрҳои асосӣ ва нишондиҳандаҳои дониши маърифатии онҳо равшан ва аниқ баён намуда шудааст.

Дар гурӯҳҳои таҷрибавию озмоишӣ, таҷрибаи шахсии муаллиф ба сифати омӯзгори фанни таърих мавриди истифода қарор хоҳад ёфт ва натиҷаҳои таҳқиқотро метавонанд муҳаққиқон, омӯзгорони ин фанни таълимӣ васеъ истифода баранд.

Мақсади таҳқиқот ва фарзияи онро муаллифи диссертатсия дуруст муайян карда, барои анҷом додани пажӯҳиши илмӣ ҳаллу фасли проблемаҳои муҳимро аз зумраи омӯзиш ва таҳлили асосҳои педагогии ташаккул додани салоҳияти таърихии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбиро ҳамчун як ҷузъи ҷараёни омӯзиш ва дар робита ба таълими фанни таърих, ки шароити иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии давраҳои гуногуни инкишофи ҷомеаи башариро дар бар мегирад, мавриди назар қарор додааст.

Дар муқаддимаи диссертатсия муҳимияти мавзуи таҳқиқшаванда собит карда шуда, доир ба маводи таҳқиқ ва аҳамияти назариявию амалии диссертатсия, навгониҳои илмии он, равиши таҳқиқи мавзуъ, манобеи пажӯҳиш ва сатҳи эътимоднокӣ ва коркарди мавзуъ маълумот оварда шудааст. Таркиб ва сохтори диссертатсия аз муқаддима, 2 боб, 6 зербанд рӯйхати адабиёт иборат аст.

**Боби якум ҷанбаҳои педагогии ташаккули салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷикро** дар бар мегирад. Муаллиф қайд намудааст, ки нишондиҳандаи асосии шароити педагогии ташаккул додани салоҳияти таърихии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ инкишоф додани салоҳияти умумӣ ва касбии омӯзгорон ва донишҷӯён мебошад. Дар ин раванд васеъ гардонидани

масоҳати навгониҳои педагогӣ дар фаъолияти эҷодӣ ниҳоят муҳим мебошад. Тавассути он муассисаи таълимӣ машҳур гашта, салоҳияти ахборотии донишҷӯён инкишоф ёфта, дараҷаи таъминоти маводҳои таълимӣ - методӣ беҳ гардида, салоҳияти таърихии донишҷӯён меафзояд. Проблемаи ташаккул додани тавоноии маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ яке аз самтҳои муҳимтарини назариявӣ ва амалии на танҳо илми педагогика, балки аксари илмҳо ба шумор меравад. Дар шароити муосир ба масъалаи ташаккул додани салоҳиятнокии иттилоотӣ - маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ қариб тамоми фанҳои таълимӣ сару кор гирифтаанд ва ин проблема аз замонҳои қадим таваҷҷӯҳи файлосуфон, педагогҳо, психологон ва олимони самти дигарро ба худ ҷалб намуда буд. Ҷаҳонишавӣ ва ворид гардидан муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ба низоми ягонаи таҳсилот ва талаботҳои низоми Болонӣ моро водор менамояд, ки сари ин масъала андеша ронем. Замони муосир ба мутахассисони соҳибтаҷрибаи дорои нерӯи қавӣ дар ҳалли проблемаҳои мураккаби ҳаётӣ ва ҷавобгӯ ба талаботи бозори меҳнатии дохилӣ ва хориҷӣ ниёз дорад.

Масъалаи ташаккул додани салоҳиятҳои таълимӣ бошад, ин ҳадафҳои дурнамои таълим буда, ҳамчун маҳаки асосии меъёри сифати таълим ва стандартҳои он хизмат мекунад. Инчунин, яке аз шароити педагогии беҳтарин, дар ташаккули салоҳияти таърихии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ фаъолияти онҳо дар маҳфили илмии донишҷӯён мебошад. Тавассути ширкат дар маҳфилҳои фаннӣ донишҷӯён таҷрибаи фаъолияти касбӣ ҳосил намуда, сифатҳои шахсиятии онҳо ташаккул ёфта, дар рафтори онҳо мақоми иҷтимоӣ - ахлоқӣ пайдо мегардад.

**Боби дуюм ба ҷараёни педагогӣ-психологӣ омили асосии ташаккули маърифати таърихии донишҷӯён бахшида шудааст.** Дар ин бо гуфта мешавад, ки дар шароити муосир, дар ҳаёти халқи тоҷик тағйиротҳои ниҳоят пешқадам рӯй дода, онҳо тамоми соҳаи ҳаёти

давлат ва ҷамъияти шаҳрвандиро дар самти сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, маданӣ, фарҳангӣ, ҳуқуқӣ ва озодии шаҳрвандон фаро гирифтаанд. Чунин тағйиротҳо ба соҳаи маориф ва таҳсилот низ мансуб мебошанд, ки таълиму тарбияро ба талаботҳои ҷамъияти демократӣ мутобиқ гардониданд. Мақсади таҳсилоти миёнаи касбӣ аз он иборат аст: мутахассисонеро омода намояд, ки лаёқати баланди касбиро ноил бошанд, дорои дониши устувор ва чуқури таърихӣ бошанд, шахсияти онҳо ҳаматарафа инкишофёфта бошад, ба фаъолияти педагогӣ дар шароити тағйирёбанда омода бошанд. Дар раванди таълими фанни таърих омӯзгор диққати бештарро бояд ба форматсияҳои ҷамъияти иқтисодӣ ва омилҳои ивазшавии онҳо равона намояд. Асоси сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, маданӣ ва фарҳангии аз як сохти ҷамъиятӣ гузаштан ба сохти дигарро бояд ниҳоят пухта ва фаҳмо ёд диҳанд.

Яке аз омили асосии ташаккул наёфтани маърифати таърихии донишҷӯён, дар он мебошад, ки аз муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ сар карда то муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва олии касбӣ омӯзгорон наметавонанд ҳамин масъаларо дуруст дар талаботҳои методӣ ҳал намоянд.

Дастовардҳои таҳқиқот бо такя ба методологияи илмӣ, манбаъҳои гуногуни иттилоотӣ, методӣ, педагогӣ, психологӣ, таҳлили мафҳумҳои асосисии истифодаи мақсадноки методҳои ҳамдигарро мукаммалкунандаи таҳқиқотӣ, ки ба ҳадаф, фарзия, предмет, вазифа ва мантиқи таҳқиқот мувофиқанд, натиҷагирӣ карда шудаанд.

Автореферати диссертатсия дар сатҳи зарурӣ таҳия гардида, ба мазмуни диссертатсия мувофиқ аст ва доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф тасаввуроти аникро бозгӯ мекунад. Инчунин, чобаҷогузории қисмҳои алоҳидаи он, робитаи мантиқӣ ва мутассилӣ ба пуррагӣ риоя карда шудааст.

Доир ба ҳар як боб ва умуман ба диссертатсия хулосаҳои возеҳу фаҳмо бароварда шудааст.

Дар умум, диссертатсияи илмии Маҳмадализода Бобоҷон Раҳмон дар мавзуи “Ҷанбаҳои педагогии ташаккули салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик” ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) пешниҳод шудааст, таҳқиқоти анҷомёфтаи илмӣ дар соҳаи педагогикаи тоҷик мебошад.

Дар баробари дастовардҳои илмии назариявию илмии муҳаққиқ дар диссертатсия норасоиҳои зерин дида мешаванд, ки зикри онҳо характери тавсиявӣ доранд:

1. Дар ҳалли масъалаи роҳҳои таълими фанни таърихи халқи тоҷик бо назардошти тарбияи ватандӯстии хонандагон муаҳаққиқ мисолҳо оварда бошад ҳам, барои мукаммалтар намудан ва аз ҷиҳати методӣ асоснок намудани муҳтавои диссертатсия намунаҳои таълим бо тарзи муносибати босалоҳият овардашуда нокифоя мебошанд.

2. Агар аз ҷиҳати ба ҳисоб гирифтани хусусиятҳои равонии донишҷӯён низ мавзуъ амиқтар таҳлил ва таҳқиқ мегардид, ба диссертатсия арзиши илмии бештар мебахшид.

3. Муҳаққиқ Маҳмадализода Бобоҷон Раҳмон мебоист “Барномаи давлатии ислоҳот ва рушди соҳаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012- 2020 ”-ро, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи 2012 таҳти № 382 тасдиқ гардидааст, васеътар мавриди таҳлил қарор дода, тибқи талаботи барномаи мазкур дар корҳои озмоишӣ мукаммалтар мавриди таҳлил қарор медод, ба мақсади гузошта бештар ноил мегардид.

4. Дар автореферати диссертатсия ва матни диссертатсия ғалатҳои имлоӣ, техникӣ ва дар баъзе ҳолатҳо риоя нашудани муқаррароти

Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ба назар мерасад, ки ислоҳи онҳо барои боз ҳам беҳтар шудани сифати кор мусоидат хоҳад кард.

Бояд қайд кард, ки камбудиҳои зикршуда арзиши комили илмӣ ва дастовардҳои назарраси диссертатсияи Маҳмадализода Бобоҷон Раҳмон дар мавзуи "Ҷанбаҳои педагогии ташаккули салоҳияти иттилоотӣ - маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик"-ро дар ҳудуд ва миқёси мавзуи таҳқиқшуда халалдор намекунад. Дар ҳаллу фасли вазифаи пешгузошташуда диссертант маводи заруриро ба таври возеҳ ва васеъ истифода кардааст. Диссертант аз адабиёти илмии зарурӣ дар самти таҳқиқоти мазкур огоҳии комил ва ҳамаҷониба дорад.

## ХУЛОСА

Диссертатсияи илмии Маҳмадализода Бобоҷон Раҳмон дар мавзуи "Ҷанбаҳои педагогии ташаккули салоҳияти иттилоотӣ - маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик" кори илмии баитмомрасидаи илмӣ-таҳқиқотӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона ва дар сатҳи зарурии илмӣ иҷро карда шудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ва хулосаҳои диссертатсияи илмӣ дар мақолаҳо, аз он ҷумла дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки рӯйхати онҳо дар диссертатсияи илмӣ ва фишурдаи он дарҷ гардидаанд, интишор шудаанд.

Диссертатсияи илмӣ ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он Маҳмадализода Бобоҷон Раҳмон сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ, аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва

методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар дар ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявии кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, ки дар он довталаби дараҷаи илмӣ Маҳмадализода Бобоҷон Раҳмон иштирок ва бо маъруза баромад намуд, баррасӣ ва тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявии кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ 11 нафар устодону омӯзгорони донишгоҳ иштирок намуданд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: "Тарафдор" – 11 нафар, "Бетараф" – нест, "Муқобил" – нест (қарори ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявии кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз "28" феврали соли 2024, № 6/3).

Раиси ҷаласаи васеи семинари
илмӣ-назариявии кафедраи
педагогикаи умумии Донишгоҳи
давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент — Мансурова Ҷ. С.

Эксперти таҳқиқоти диссертатсионӣ,
номзади илмҳои педагогӣ, муаллими
калони кафедраи педагогикаи умумии
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ — Муродова Ш.С.

Котиби ҷаласаи васеи
семинари илмӣ-назариявӣ,
номзади илмҳои педагогӣ — Арбобова Ф. А.

"28" феврали с. 2024

Имзоҳои Ҷ. С. Мансурова, Муродова Ш.С. ва Ф. Арбобова-ро тасдиқ мекунам.

Сардори Раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДОТ
ба номи С. Айнӣ Мустафозода А.

Маълумот барои тамос: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121. Тел: +992 (37) 224 13 83,
E-mail: info@mail.ru, www.tgpu.tj